БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Шарҳи моҳонаи таваррум • ИЮЛ 2026

**Дар моҳи июли соли 2026 сатҳи таваррум[1] 0,1 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

## Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 б.ф.) ба амал омад. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи сӯзишвории дизелӣ 23,4 фоиз, бензин АИ-92 8,3 фоиз, равғани муҳаррик 2,2 фоиз, семент 2,1 фоиз, гази моеъ 0,7 фоиз, масолеҳи таъмир ва сохтмон 0,4 фоиз, маводи шустушӯӣ 0,1 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

## Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда тамоюли болоравӣ дошта, (бо саҳми ночиз) 0,1 фоизро ташкил намуд. Аз ҷумла, болоравии нархи хизматрасониҳои газӣ 2,3 фоиз ва манзилию коммуналӣ 0,3 фоиз ба амал омад.

## Таварруми хӯрокворӣ

Нархи маҳсулоти хӯрокворӣ бошад, -0,1 фоиз раванди пастравӣ дошт. Коҳишёбии мазкур асосан аз ҳисоби ҷамъоварии ҳосили фаровон ва зиёд гардидани пешниҳоди маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ба вуқуъ пайваст. Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи мазкур асосан коҳишёбии нархи қаламфури булғорӣ 24,8 фоиз, себ 6,0 фоиз, ангур 5,5 фоиз, бодиринг 5,0 фоиз, харбуза 4,4 фоиз, тарбуз 3,5 фоиз, тухм 3,4 фоиз, картошка 2,8 фоиз, нок 2,7 фоиз, помидор 2,4 фоиз, банан 2,0 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Новобаста аз ин, болоравии нархи сабзӣ 17,1 фоиз, равғани офтобпараст 0,4 фоиз, биринҷ 0,3 фоиз, орди

**Таварруми моҳона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таварруми солона ва ҳадафи он бо фоиз**
(манбаъ: Агентиии омор ва Бонки миллии Тоҷикистон)



навъи якум 0,2 фоиз, гушти гӯсфанд 0,1 фоиз, гушти гӯсфанд 0,1 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи июли соли 2026, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (5%±2 банди фоизӣ) қарор дошта, 4,1 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,5 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи июли соли 2026 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 31,8 фоиз, Қазоқистон 10,2 фоиз, Ӯзбекистон 6,4 фоиз, Россия 6,0 фоиз, Гурҷистон 5,5 фоиз ва Арманистон 4,5 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июли соли ҷорӣ бетағйир буда, бо арзёбии солона бошад ба 2,8 фоиз баробар гардид.

**Бо мақсади дар доираи ҳадафи муқарраршуда, нигоҳ доштани сатҳи таваррум Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро бо истифода аз воситаҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Таварруми моҳи дар моҳи июн дар кишварҳои шарикони асосии савдо ва минтақа бо фоиз**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | 2026 | | | | | Июл, тағйирёбии моҳона бо % |
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Март | Июн | Июл | Сен | Дек | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,4** | **2,8** | **3,5** | **3,4** | **3,6** | **4,1** | **4,1** | **4,1** | **0,1** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **52,0** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **4,1** | **4,5** | **3,1** | **4,4** | **4,0** | **4,3** | **4,6** | **4,2** | **3,8** | **-0,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,5 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -3,2 | -5,7 | -5,1 | -3,0 | 0,4 | 3,3 | 4,2 | 5,6 | 6,6 | 5,8 | 0,3 |
| Биринҷ | 2,6 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 5,1 | 0,7 | -0,8 | -2,6 | -3,9 | -10,1 | -10,7 | -10,4 | -10,8 | -10,0 | 0,3 |
| Орд | 4,1 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -11,0 | -13,2 | -13,0 | -13,1 | -11,5 | -4,2 | -2,9 | -0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,6 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,6 | 15,1 | 14,1 | 13,8 | 10,9 | 9,6 | 8,6 | 8,4 | 6,4 | 5,6 | 0,6 |
| Гӯшти гов | 3,5 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 24,7 | 25,0 | 23,2 | 20,8 | 14,4 | 12,1 | 11,1 | 9,9 | 6,8 | 5,0 | 0,1 |
| Тухм | 1,9 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 10,1 | 22,1 | 26,0 | 7,7 | 6,0 | -2,6 | 0,2 | 4,7 | -3,6 | -9,3 | -3,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 5,5 | 5,6 | 4,2 | 3,8 | 6,3 | 2,8 | 3,5 | 4,4 | 4,2 | 4,3 | 0,7 |
| Шир | 0,8 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 9,3 | 10,5 | 11,1 | 5,3 | 10,6 | 2,4 | 2,2 | 3,9 | 2,8 | 3,3 | 0,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,3 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 14,4 | 15,0 | 12,2 | 11,1 | 3,6 | 4,3 | 3,1 | 1,3 | 2,0 | 3,2 | 0,4 |
| Меваҷот | 3,3 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -7,4 | -15,4 | -10,3 | -2,7 | 7,3 | 8,9 | 13,2 | 16,4 | 25,3 | 27,0 | -3,1 |
| Сабзавот | 6,9 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 7,4 | 24,1 | 23,2 | 8,1 | 9,8 | 0,0 | -1,8 | -6,4 | -9,2 | -8,8 | -0,4 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -9,7 | -8,1 | -8,8 | -9,4 | -8,2 | -3,2 | 5,0 | 6,0 | 4,9 | 3,4 | -0,9 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,9 | 2,8 | 4,0 | 4,8 | 6,4 | 0,5 | 1,9 | 2,0 |
| Хӯроки умумӣ** | 1,1 | 9,0 | 6,3 | 6,3 | 10,9 | 5,9 | 13,1 | 13,7 | 14,6 | 8,9 | 8,1 | 9,3 | 6,6 | 4,2 | 4,0 | 0,0 |
| Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку | 0,7 | 3,0 | 4,5 | 5,7 | 9,4 | 9,4 | 7,9 | 5,7 | 5,5 | 1,8 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 1,4 | 0,5 |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **36,1** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **2,3** | **1,7** | **1,0** | **1,5** | **1,2** | **1,6** | **2,8** | **3,2** | **3,7** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 13,0 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 2,2 | 1,4 | 1,8 | 3,2 | 3,3 | 2,8 | 3,4 | 4,5 | 4,3 | 4,0 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,9 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,6 | 1,4 | 1,3 | 1,3 | 4,3 | 1,3 | 1,2 | 0,4 |
| Моводи шустушӯӣ | 1,0 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | -1,9 | -2,6 | -1,8 | 2,7 | 4,1 | 5,4 | 5,5 | 5,5 | 6,4 | 6,1 | 0,1 |
| Доруворӣ | 0,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,2 | 2,9 | 2,9 | 1,4 | -0,3 | -3,4 | -3,3 | -3,3 | -0,1 | -0,2 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,5 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | -0,1 | -3,6 | -13,4 | -20,0 | -14,4 | -9,8 | -2,6 | 7,6 | 18,9 | 31,6 | 6,1 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 3,7 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 2,6 | 0,4 | 0,8 | 0,8 | -0,3 | -0,3 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 2,6 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | -0,2 | -0,2 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 2,1 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 1,5 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,5 | 1,4 | 2,4 | 2,4 | 6,0 | 6,0 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **12,4** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,3** | **4,2** | **4,1** | **5,3** | **5,7** | **7,3** | **5,5** | **5,5** | **6,0** | **6,0** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,1 | 7,8 | 6,7 | 10,1 | 10,9 | 18,5 | 12,1 | 12,7 | 14,3 | 14,8 | 0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,8 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,9 | 6,8 | 6,8 | 6,7 | 5,5 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,8 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 36,9 | 37,2 | 37,4 | 37,4 | 39,4 | 1,5 |
| Қувваи барқ | 2,2 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 14,1 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 31,9 | 14,7 | 14,8 | 15,7 | 15,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,2 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -1,0 | 0,3 | -16,6 | -29,3 | -24,3 | -15,6 | -12,8 | -2,7 | 12,9 | 22,6 | 2,3 |
| Нақлиёт | 1,9 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 0,9 | 1,4 | 1,0 | -0,3 | -4,8 | -5,1 | -5,9 | -6,8 | -6,3 | -6,4 | -0,3 |
| Алоқа | 1,9 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 0,5 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,5 | 4,0 | 4,0 | 4,1 | 4,1 | 4,1 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | -1,8 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -0,1 | 3,7 | 4,9 | 4,9 | 4,9 | 4,9 | 0,0 |
| Маишӣ | 2,1 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 6,4 | 2,6 | 3,8 | 5,2 | 9,8 | 8,3 | 9,1 | 8,8 | 8,9 | 7,8 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо